

**23.03.2018 19:33, Иёлоти Муттахидаи Амрико**

22 марти соли 2018 дар шахри Ню Йорки Иёлоти Муттахидаи Америка дар хошияи кушодашавии чорабинӣ бахшида ба Огози Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солхои 2018-2028” Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон бо хабарнигори телевизиони СММ мусохиба анчом доданд.

Мавриди зикр аст, ки ташкилоти бонуфузи сайёра Созмони Милали Мутттахид сомонаи интернетӣ ва шабакаи махсуси телевизионии худро дорад, ки дар онхо аз фаъолияти рузмарраи СММ ва ниходхои он, инчунин чараён ва натичахои кори чаласахои корӣ маводхо пахш менамояд.

Зимни мусоохиба Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон оид ба хадафхои асосии эълони ташаббуси навбатии Точикистон вобаста ба халли мушкилоти марбут ба об, аз чумла кабули Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солхои 2018-2028”, натичахои бобарору муваффаки ташаббусхои каблии кишвари мо, аз чумла «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», Дахсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои хаёт, солхои 2005-2015» ва «Соли байналмилалии хамкорӣ дар сохаи об, 2013», андашеронӣ карданд.

Таъкид гардид, ки хамаи ин ташаббусхои созанда ба нафъи ахли башар ва халли мушкилоти вобаста ба об ва санитарӣ равон гардидааст.

Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон зикр карданд, ки тачрибаи каблӣ исбот кард, ки танхо дар хамдастӣ чомеаи чахонӣ метавонад барои мардуми сайёра зиндагии шоистаро таъмин намояд.

Дар чараёни сухбат хабарнигорони телевизиони СММ хамчунин оид ба талошхову ташаббусхои Президент ва Хукумати Чумхурии Точикистон дар самти халли дигар масъалахои мубрами чомеаи башарӣ, самтхои афзалиятноки фаъолият, инчунин сиёсати дархои бози рохбарияти давлату Хукумати Чумхурии Точикистон ба саволхои худ посуххои мушаххас гирифтанд.

- **Чаноби Олӣ, имрӯзхо Точикистон ва дигар кишвархои минтакаи Осиёи Марказӣ чашни Наврӯзро тачлил мекунанд. Дар робита ба ин, мехохам, Шумо ва мардуми бостонии Точикистонро бо ин чашн табрику муборакбод гуфта, ба Шумо саломатии бардавом ва комёбихо орзу намоям. Соли 2009 Точикистон ва як катор кишвархои дигар лоихаи катъномаи Мачмаи Умумии СММ-ро дар бораи Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон намудани 21-уми март  ташаббускорӣ намуданд.**

- Дарвокеъ, 23 феврали соли 2010 бо ташаббуси Точикистон ва як катор давлатхои аъзои СММ, ки чашни бостонии Наврӯзро тачлил мекунанд, Мачмаи Умумии СММ Катъшнома кабул намуд, ки мутобики он 21 март Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълон гардид.

Боиси хушнудист, чашни бостонии Наврӯз, ки маънии «Рӯзи нав»-ро дорад, аз чониби ЮНЕСКО ба Фехристи мероси гайримоддии фархангии инсоният дохил карда шуд.

Наврӯз - чашни асосӣ ва дӯстдоштатарини мардуми точик мебошад.

Аз замонхои кадим халки точик фарорасии Наврӯз - чашни бахор, баробарии шабу рӯз

ва эхёи табиатро бо умеди калон интизор мешуд.

Зеро  Наврӯз унсури пайвандгари байни миллатхо мебошад, ки бар мехрубонӣ, эхтиром ва сулх асос ёфтааст.

Ин анъанахо то ба имрӯз омада расидаанд ва дар давраи муосир ба таври густурда пахн гардидаанд.

**- Чумхурии Точикистон давоми ду дахсола □масъалахои марбут ба □обро дар доираи СММ ва дигар созмонхо фаъолона пешбарӣ менамояд. Чунин сиёсати хоричии фаъол ва накши Точикистон дар халли масъалахо ва мушкилоти глобалии марбут ба об бар чӣ асос меёбад?**

- Ба хамагон маълум аст, ки Дахсолаи байналмилалии амал «Об барои хаёт», солхои 2005-2015, Соли байналмилалии оби тоза (соли 2003), Соли байналмилалии хамкорӣ дар сохаи об (соли 2013) ва Дахсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солхои 2018-2028 ташаббусхои мухими глобалии Точикистон мебошанд.

Хамаи ин ташаббусхо ба таъсиси майдони густурда ва мусоид барои мухокима ва чустучӯи роххои муносиб ва окилонаи халли мушкилот ва вазифахои марбут ба захирахои об нигаронида шудаанд.

Хамаи талошхо ва ташаббусхои мо махз ба ташаккули муколамаи созандагии об нигаронида шудаанд, зеро хамагуна масъалаи обро метавон танхо тавассути хамкорӣ ва ба рох мондани робитахои шарикӣ, боэътимод ва мутакобилан судманд хал намуд.

Рохи дигар вучуд надорад.

Бинобар ин, талошхои мо, пеш аз хама, ба ташаккули майдонхои муколама, ки ба сафарбаркунии талошхо барои халли дарозмуддат ва устувори мушкилот ва масъалахои

марбут ба об мусоидат мекунанд, нигаронида шудаанд.

**- Бо ташаббуси Шумо соли 2016 Катъномаи Мачмаи Умумии СММ дар бораи эълон намудани Дахсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солхои 2018-2028» кабул гардид. Шумо аз ин Дахсола  чиро интизор хастед  ва чомеаи чахонӣ барои ичро намудани ӯхдадорихои дубора дар доираи хадафхои рушди устувор кабулгардида бояд чӣ тадбирхо андешад?**

- Умедворем, ки Дахсола дар талошхои чомеаи байналмилалӣ барои ноил шудан ба хадафхои байналмилалии мувофикашудаи рушди устувор дар сохаи захирахои об сахифаи нав боз мекунад.

Дар баробари ташаккули майдони муколамавӣ Дахсола инчунин ба тахия ва татбики тадбирхои муассир дар хамаи сатххои расидан ба мудирияти устувори об мусоидат мекунад. Мутмаинем, ки ба шарофати хамкорӣ ва рушди шарикӣ роххо ва механизмхои татбики хадафхои рушди устувори марбут ба захирахои об пайдо хоханд шуд. Умуман, боварӣ дорем, ки Дахсола барои тахкими талошхои мо, ки ба халли минбаъдаи масъалахои марбут ба гузариш ба мудирияти устувори захирахои об нигаронида шудаанд, заминаи устувор фарохам меорад.

Бояд зикр намуд, ки дар рафти татбики ташаббусхои глобалӣ шахри Душанбе барои халли масъалахои марбут ба об пойтахти чахон гардид.

Чумхурии Точикистон дӯстони зиёд пайдо намуд, ки онро хамчун маркази дипломатияи об, ташаккули гояхои созандагиву окилона ва ташаббусхо оид ба халли мушкилоти обии глобалӣ мехисобанд.

**- Шумо дар суханронихои худ дар бораи окибатхои манфии тагйирёбии иклим борхо таъкид намудаед. Ба андешаи Шумо, кадом тадбирхо дар мубориза бар зидди тагйирёбии иклим дар сатхи чахонӣ ва минтакавӣ аввалиндарача мебошанд?**

- Дарвокеъ, окибатхои тагйирёбии иклим беш аз пеш падидор мегарданд, ки ба

талошхои мо барои расидан ба вазифахо ва хадафхои рушд таъсир мерасонанд.

Мушохидахои чандинсолаи коршиносон аз пурзӯршавии таъсири тағйирёбии иклим ба табиат ва вазъи ичтимоию иктисодӣ дар кишвар ва минтака гувохӣ медиханд.

Тибки ин мушохидахо, дар давоми 60 соли охир харорати миёнаи солонаи хаво дар Точикистон як дарача баланд шудааст; пасомад ва шиддатнокии ходисахои табиии марбут ба об ва метеорология афзудааст;

Амплитудаи фаслхои камобӣ ва серобӣ вайрон шуда, гузариши ногахонии байнифаслӣ, ки каблан муназзамтар буд, мушохида мешавад.

Таъсири манфии тағйирёбии иклим ба микдор ва сифати захирахои оби ошомиданӣ бештар зохир мегардад.

Мувофики маълумоти мавчуда, тағйирёбии иклим дар каламрави Точикистон боиси обшавии босуръати такрибан сию панч дарсади пиряххо гардидааст.

Ба андешаи ман, мо бояд талошхои худро, пеш аз хама,  ба тахия ва кабули тадбирхои мутобикшавӣ, ки чузъи мухими рушди устувор мебошанд, равона созем.

Дар Точикистон мушкилоти тағйирёбии иклим ва кабули тадбирхои мутобикшавӣ унсурхои мухими Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли ду хазору сӣ (2030) гардидаанд.

Хукумати кишвар соли  2010 Барномаи давлатии бистсоларо оид ба таххик ва хифзи пиряххо кабул намуд.

Чор сол мукаддам мо якчо бо шарикон дар чахорчӯбаи экспедитсияи сеюми байналмилалии геофизикии баландкӯхи Помир кор огоз намудем.

Экспедитсияи мазкур на танхо барои кишвари мо, балки барои тамоми минтакаи Осиёи Марказӣ арзиши бузурги илмиву амалӣ дорад.

Вазифаи дигари мухим кохиш додани партови газхои гулхонаӣ ба фазо дар сатхе, ки ба системаи иклим таъсири хатарноки антропогенӣ намерасонанд, мебошад.  Дар баробари ин, тадбирхо оид ба кохиш додани партовхои зароровар ба фазо бояд бидуни расонидани таъсир ба вазифахо ва  хадафхои рушд амалӣ карда шаванд. Пахлӯи дигари талошхои мо дастрас намудани технологияхо ва инноватсияхо мебошад, ки сарфакорӣ ва истифодаи окилонаи захирахои табииро таъмин менамоянд.

Бо андешаи ман, маблаггузорӣ чузъи калидии талошхои муштаракамон дар мубориза бар зидди тагйирёбии иклим бокӣ мемонад.

Бидуни маблаггузории дурусти тадбирхо оид ба кохиш додани партовхои зароровар ва мутобикшавӣ, инчунин оид ба дастрас намудани технологияхо, татбики хамаи ниятхои некамон гайриимкон мегардад.

- **Солхои охир кӯшишхои густариши хамкории минтакавӣ дар Осиёи Марказӣ фаъол мегарданд. Ба андешаи Шумо, кадом дурнамои хамгироии дохилиминтакавӣ ва кадом икдомхо дар ин самт мухимтаранд?**

- Халкхои Осиёи Марказӣ бо хамдигар бо риштахои бисёрасраи бародарию некӯхамсоягӣ алокамандaнд.

Мо таърих, дин, фарханг ва анъанаи муштарак дорем.

Осиёи Марказӣ бо иктидорхои энергетикию табиӣ ва имконоти мусоиди наклиётию

коммуникатсионӣ ахамияти мухими геополитикӣ дошта, равандхои мавчудаи минтака ба рушди бисёр кишвархо ва тамоми минтакахо мусоидат менамояд.

Дар баробари ин, мехостам зикр намоям, ки дар шароити муосир давлатхои Осиёи Марказӣ дар халли мушкилоти мухими марбут ба тахкими амнияти минтакавӣ накши мухим мебозанд.

Холо Точикистон ва тамоми минтакаи Осиёи Марказӣ бо мушкилоти чиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ба амнияти онхо тахдид мекунанд.

Расидан ба натичахои мусбӣ дар мубориза бар зидди ин тахдидхо ба амалхои муштарак ва хамохангшуда дар сатхи минтакавӣ вобастагии зиёд дорад.

Бо каноатмандӣ зикр менамоям, ки вактхои охир дар минтакаи Осиёи Марказӣ талошхои давлатхо барои хамкории минтакавӣ кавитар мегардад.

Дурнамои наздикшавии даруниминтакавӣ тавсеаи хамкорӣ дар асоси баробархукукӣ, эътимод, шарикӣ ва некӯхамсоягиро аз мо талаб мекунад.

Сиёсати Точикистон дар ин самт ба зарурати таъсиси низоми самарабахши хамкории байнидавлатӣ бо максади таъмини суботи минтакавӣ ва рушди устувори ичтимоиву иктисодӣ асос меёбад.

Ман боварӣ дорам, ки Вохӯрии машваратии сарони давлатхои Осиёи Марказӣ, ки ба наздикӣ дар Остона доир шуд, чун майдони нави ба хам омадан омили таквияти муносибатхои байни кишвархои минтака дар татбики муштараки барномахои нав ва лоихахое мебошад, ки ба манфиатхои дарозмуддати хамаи давлатхои минтака чавобгӯ аст.

**- Вактхои охир дар робита ба бесуботӣ ва бад шудани авзоъ дар Афгонистон хама**

**нигаронанд. Ба андешаи Шумо, чомеаи чахонӣ барои баркарорсозии сулху субот дар Афгонистон чӣ чорахоро бояд татбик намояд?**

Рушди авзои харбӣ-сиёсӣ дар Афгонистон вактхои охир ба таври махсус изтиробангез аст.

Вазъ дар ин кишвари хамсоя дар оянда тамоюли бадтаршуданро дорад.

Дар робита ба ин, андешидани чорахои муштаракро оид ба таъмини амнияти минтакавӣ ва субот, аз чумла барои мубориза бар зидди гардиши

Рушди вазъ дар Афгонистон тайи дахсолаи охир нишон медихад, ки терроризм ва ифротгароиро наметавон танхо бо усулӣ харбӣ решакан кард.

Имрӯз бояд омилхои ичтимоию иктисодии мубориза бо ин зухуроти номатлуб дар мадди аввал бошанд.

Бидуни таъмини амният, рушди сохаи иктисодию ичтимоии Афгонистон ва мутаносибан халли масъалахои хамгироии минбаъдаи минтакавӣ, ки чавобгӯи манфиатхои умумии моянд, имконнопазир аст.

Дар ин росто, хамкории минтакавӣ унсури мухими тахкими субот дар Афгонистон ва минтака мебошад.

Точикистон талошхои чомеаи чахонӣ ва мардуми Афгонистонро барои халли хамачонибаи мушкилоти ин кишвари дӯст дастгирӣ менамояд.

Дар доираи фаъолияти муштараки чомеаи чахонӣ дар Афгонистон, Точикистон минбаъд

низ сахми амалии худро, аз чумла ба рушди ичтимоию иктисодӣ дар ин кишвар мегузорад.

Ба акидаи мо, раванди вахдати миллӣ дар ин кишвар танхо дар сурати чараёни мунтазами сулхофаринӣ муваффак мегардад.

**- Аз чониби Хукумати Чумхурии Точикистон барои дастгирии Афгонистони хамсоя кадом кӯшишхо анчом дода мешаванд?**

Назари чониби Точикистон дар масъалаи баркарорсозии ичтимоию иктисодии Афгонистон дар санади нихоии Конфронси хамкории иктисодии минтакавӣ оид ба Афгонистон (RECCA) возех дарч шудааст.

Точикистон имрӯз ба Афгонистон нерӯи барк, масолехи сохтмонӣ, махсулоти кишоварзӣ, нурихои минералӣ ва махсулоти хӯрокворӣ содирот мекунад.

Дар ин замина, тавсия медихем, ба масъалахои таълиму тарбияи кадрхои миллӣ, ки чузъи мухими таъмини сулху ризоият ва рушди иктисодии Афгонистон мебошанд, диккати махсус дода шавад.

Бо дарназардошти гуногунии ахолии Афгонистон, фикр мекунам, мутобики Конститутсияи ин кишвар хукумат бояд манфиатхои хамаи халкиятхоро ба инобат гирад.

Авчи минбаъдаи низоъ дар Афгонистон хам барои ин кишвар ва хам барои минтака окибатхои манфии дарозмӯхлат дорад.

Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки барномаи стратегии мачмӯан ва хамачониба асоснокшудаи амалхои муштарак барои расидан ба сулх ва ризоият дар Афгонистон мувофикат карда шаванд.

**- Таманниёти Шумо ба тамошобинони телевизиони СММ.**

Мулокоти мо бо шумо, аз нигохи ман, бо ду рӯйдоди мухими байналмилалӣ рост омад: Чашни байналмилалии Наврӯз ва Рӯзи умумичахонии об.

Тавре дар боло зикр кардем, махз дар ин рӯзи таърихӣ чомеаи чахонӣ татбики Дахсолаи нави байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»-ро огоз мекунад.

Дар робита ба ин, мехохам Шумо,  хайати  Шумо, кормандони сохторхои СММ ва тамоми тамошобинонро бо чашни байналмилалии Наврӯз шодбош гуфта, саломатии бардавом, некӯахволӣ ва бурдборӣ таманно намоям.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ба хамаи кишвархои аъзо ва сохторхои СММ барои мусоидат ба пешбурд ва татбики ташаббуси чахонии марбут ба об изхори миннатдорӣ менамоям.

http://president.tj/node/17358